# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

...Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

№ 9 (386) / 21 июни соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад.

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

www.mehnat.tj Rrohnamo@mail.ru +992 93-483-36-36 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон


## МАРОСИМИ ИМЗОИ САНАДҲОИ НАВИ ҲАМКОРӢ БО ИШТИРОКИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ҚАТАР



Дар доираи сафари Амири Давлати Қатар муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (08 июни соли равон) бо иштироки Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд.

Яке аз ин санадҳо - Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнати Давлати Қатар; оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ мебошад, ки онро вазирони ду ҷониб бо иштироки Сарони давлатҳо ба имзо расониданд.

**Ваҳдати миллии тоҷикон ганҷи бебаҳоест, ки бо ранҷу машаққати зиёд, гузашта аз ин, дар натиҷаи ҷонбозиву қурбониҳои ҳазорон нафар фарзандони фидоии миллат ба даст омадааст. Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ки барои татбиқи ғояҳои миллӣ ва тавсеаи тафаккури давлатдории миллатамон, ки асоси пешрафти Тоҷикистони азиз мебошанд, сарҷамъона кору фаъолият намоем.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: 231-49-19**


ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ 3
КОРФАРМО КАДОМ ҲУҶҶАТҲОРО ТАЛАБ МЕКУНАД?





БОЗДИД 4
РӮЗГОРИ ОБОД ВА МАРДУМОНИ ДИЛШОД





ВАҲДАТ ДАР ЯГОНАГИСТ 5
МО ФАРЗАНДОНИ ЯК МОДАРЕМ!





КОРРУПСИЯ 6
ФАЪОЛИЯТИ СЕГОНА




# АЗ ТОҶИКИСТОН ҲАМЕША РУҲИ СУЛҲ БАРМЕДАМАД

**Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини Сарвари давлат интихоб гаштан баҳри ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятиву сиёсӣ кӯшиши зиёд намуданд. Ин мақсад дар сатҳи мақомоти давлатӣ амалӣ мегардид. Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Сарвари давлат дар яке аз ҷаласаҳои Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин изҳор доштанд: "Мавзуи асосии ҳамаи масалаҳои Шӯрои Олӣ андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ мебошад".**



Баргардонидани гурезаҳо ба Ватан аз вазифаҳои муҳим буд, ки дар он вазъияти мураккаб мебоист амалӣ мешуд. Нахустин дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон» (24 ноябри соли 1992) қабул гардид. Бо ин мақсад Қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 1993 «Дар бораи сафари ҳайати намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Давлати Исломии Афғонистон» қабул шуд.

Мувофиқи қарори мазкур барои иштирок дар музокироти байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҷиҳати ҳалли масъалаи ба Ватан баргардонидани фирориён дар ҳайати 19 нафар намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад. Ҳайати мазкурро лозим омад, ки чанд маротиба бо фирориён, гурӯҳҳои мухолифин вохӯрию суҳбатҳои тӯлонӣ намояд. Давоми вохӯриҳо эҳсос мешуд, ки фирориён майли ба Ватан баргаштанро доранд.

Вақте дар ин мавзуъ бо яке аз узви гурӯҳи ҳукуматӣ суҳбат доштам, ӯ лаҳзаи вохӯрӣ бо ҳамватанонамонро дар Афғонистон ба хотир овард. Вохӯрии онҳо дар бемористон, ки чанде аз фирориёни тоҷик муолиҷа меёфтанд, сурат гирифт. Ба саволи онҳо, ки оё хоҳиши ба Ватан баргаштан доред, беморе кӯтоҳ чунин ҷавоб медиҳад:

«Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност». Ин ҷавоб моро мутаассир кард. Маълум, ки онҳо пазмони Ватани худанд.

Муроҷиатномаи Сарвари давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон январи соли 1994 ба фирориён дилгармӣ ва эътимод ба ояндаи некро мебахшид: «Моҳҳост, ки гуфтушунидҳои самарабахш бо неруҳои гароишҳои мухталифи сиёсӣ ҷорист ва мо азми қавӣ дорем, ки ҷиҳати тафоҳуми комили ҳама фарзандони модари тоҷик онро давом диҳем. Бародар аз пайи кини бародар намеравад. Ҳама муштоқи дидори шумоянд ва бовар доранд, ки шумо имрӯзу фардо боз хоҳед баргашт, дасти бародарони худ хоҳед гирифт ва Ватани ниёгони хешро обод, чароғи хонаи падариро равшан хоҳед кард».

Дар ҷодаи сулҳу ваҳдат қавлу амали Сарвари давлат як буд. Саъю кӯшиши роҳбарияти давлат дар роҳи ба эътидол овардани вазъи ҷомеа нек амалӣ мешуданд. Нахустин фирориён аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Ватан баргаштанд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар истгоҳи роҳоҳани Хушодии ноҳияи Шаҳритус 2 сентябри соли 1994 онҳоро истиқбол карданд.

Бо кӯшиши зиёд роҳ ба сӯйи сулҳу Ваҳдат кушода мешуд. Ҷустуҷӯйи роҳҳои алтернативии ҳалли мушкилот ва расидан ба сулҳу ризоияти миллӣ тақвият меёфт. Дар ин ҷода мулоқот ва гуфтушунид бо мухолифин натиҷаи нек доданд. Осон набуд ин гуфтушунид ва суҳбату мулоқот. Аммо бо пешниҳод ва маслиҳати Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон он идома меёфту ҳар гуфтушунид якдигарро бо ҳам наздик мекард. Бояд ёдрас шуд, киаввалин музокироти тоҷикон 12 апрели соли 1994 дар шаҳри Москва доир гардида буд.

Ба Хосдеҳи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сафар кардани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (10-11 декабри соли 1996) қадами қатъӣ ва устувор дар ҷодаи ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва созгории миллӣ дар Тоҷикистон дониста мешавад. Метавон баҳогузорӣ намуд, ки ин мулоқот як навъ ҷамъбаст ва хулосаи гуфтушунидҳои тӯлонӣ ва душвори расидан ба ваҳдати миллӣ, оромии кишвар ва мардум дониста мешавад. Ин мулоқот бо мухолифинро собиқ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамроҳӣ мекард, чунин ба хотир овардааст: ”Ман миёни дигар вохӯриву суҳбатҳои расмӣ ҳеҷ гоҳ гуфтушуниди Хосдеҳи Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро фаромӯш намекунам. Ин гуфтушунид 10-11 декабри соли 1996 баргузор гардида буд. Он рӯзҳо худи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гирифтори ҷанги шадиди дохилӣ буд. Дар Тоҷикистон низ садои тиру туфанг гӯшҳоро мехарошид ва қалбҳоро тазйиқ медод. Касе маслиҳат намедод, ки дар чунин шароити номусоид Роҳбари давлат ба гуфтушунид озим шавад. Вале Президенти ташнаи сулҳ аз раъйи ҷиддии хеш барнагашта, посух дод: ”Ҷони худамро қурбон мекунаму аз роҳ барнамегардам”.

Дар ин мулоқоти Хосдеҳ Протокол оид ба қатъи муқовимати мусаллаҳона ба имзо расид. Профессор Бурҳониддин Раббонӣ, ки дар ин мулоқот ширкат дошт, чунин мегӯяд: ”Аз Тоҷикистон руҳи сулҳ меояд. Ҳамин сулҳро аз даст надиҳед, мо, тоҷикони Афғонистон, сулҳро аз даст додем ва акнун барои мо фарзанд ҳам, хурсандӣ ҳам, мотам ҳам, падару модар ҳам Калашникуф ҳаст. Чизи дигар надорем”.

Бо қабули Протоколи Хосдеҳ имконият фароҳам омад, ки Созишномаи истиқрори сулҳ ва созгории миллӣ дар Тоҷикистон (шаҳри Маскав, 27 июни соли 1997) ба имзо расад. Ҳамин тариқ, то имзои Созишномаи мазкур давоми 8 даври музокирот, ки қариб 4 сол идома ёфт, бо намояндагони мухолифин 21 вохӯрии расмӣ ва даҳҳо мулоқоти ғайрирасмӣ доир гаштанд.

Барои ба имзо расидани Созишномаи мазкур вохӯрии иштирокчиёни музокироти Хосдеҳи вилояти Толиқони Афғонистон заминаи устувор гузошт. Вобаста ба он мутобиқи Созишномаи 23 декабри соли 1996 Комиссияи оштии миллӣ ташкил ёфт. Дар рафти музокирот он бо номҳои гуногун – Шӯрои координатсионӣ, Шӯрои машваратӣ, Шӯрои давлатӣ, Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ, Форуми машваратии халқҳои Тоҷикистон ёдовар мешуд. Ниҳоят, ин ном -Комиссияи оштии миллӣ пазируфта шуд. Комиссияи оштии миллӣ ҳамчун механизме маҳсуб мешуд, ки тавассути он талаботи Созишномаи истиқрори сулҳ ва созгории миллӣ дар Тоҷикистон амалӣ мегашт. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ ва 26 нафар аъзои ном ба номи он 4 июли соли 1997 имзо шуд.

КОМ бо назардошти Протоколи музокироти 23 декабри соли 1996 қабулшуда, Низомномаи КОМ тасдиқ гардид. Дар он сохтор, тарзи ташкилу фаъолияти КОМ муайян ва 4 зеркомиссия - оид ба масъалаҳои сиёсӣ, низомӣ, муҳоҷирон ва ҳуқуқ таъсис ёфт. Нахустин ҷаласаи КОМ 7-11 июли соли 1997 дар шаҳри Маскав доир шуда,15 сентябри соли1997 дар шаҳри Душанбе ба фаъолияти худ оғоз мебахшад. Раъйдиҳӣ дар КОМ ба тариқи консенсус (розигии тарафҳо) амалӣ мешуд. Ягона хусусияти КОМ аз он иборат буд, ки қарорҳои қабулнамудаи он тавассути салоҳияти Президент ва Парлумон амалӣ мешуд. Яъне КОМ салоҳият ва ваколати мустақил ва мустақим қабул намудани қарор ва дигар санадҳоро надошт. Ба таври дигар, қабули ҳама гуна қарорҳо дар асоси ҳусни тафоҳум ва ризоияти Президент-Парлумон-КОМ сурат мегирифт. Ин механизм, яъне Президент,Парлумон, КОМ сохтори пурсамар, мувофиқ ва дуруст дар давраи гузариш дониста мешавад.

Чунин тартиби фаъолияти КОМ ба он овард, ки талаботи Созишномаи сулҳи тоҷикон дар доираи Конститутсия, қонунҳои амалкунанда ва сохтори мавҷудаи давлатдорӣ амалӣ шаванд. КОМ, агар оғози корашро аз 7 июли соли 1997 ҳисоб кунем, 998 рӯз фаъолият кард. Мутобиқи Низомномаи КОМ он то ба кор шуруъ намудани Парлумони нави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекард. Моҳи феврали соли 2000-ум интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (интихоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) баргузор гашт.

Яъне, баъди интихоби Парлумони нави Тоҷикистон мувофиқи Созишномаи музокироти 23 декабри соли 1996, КОМ вазифаи худро ба анҷом расонд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 31 марти соли 2000-ум аъзои КОМ-ро қабул намуда, ба онҳо миннатдорӣ баён карданд. Дар хусуси қатъ гаштани фаъолияти КОМ 31 марти соли 2000-ум Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шуд. Доир ба моҳият ва аҳамияти Созишномаи истиқрори сулҳ ва созгории миллӣ дар Тоҷикистон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 5-солагии ба имзо расидани Созишномаи мазкур чунин таъкид доштанд: ”Бо имзои ин санади таърихӣ мо дар кишвари худ ба муқовимати мусаллаҳона хотима бахшида, сарзаминамонро аз харобӣ, миллатамонро аз парокандагӣ ва Ватанамонро аз нобудӣ наҷот додем”.

Ин хизмати бебаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ эътироф ва аз ҷониби сиёсатмадорону шахсиятҳои шинохта баҳогузорӣ шудааст. Нависандаи арсаи ҷаҳонӣ Чингиз Айтматов дар бораи раванди сулҳи тоҷикон изҳори ақида намуда, навиштааст: «Дар муддати хеле кӯтоҳ ба мувофиқа расидани тарафҳои ҷангзада бозёфти нодир дар ҷодаи сулҳофарӣ мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳал намудани қазияи ҷанги шаҳрвандӣ аз дигар намуди ҷангҳо душвортар аст. Ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон рисолати сулҳро ҷавонмардона ба даст гирифт».

Узви Парлумони Аврупо, роҳбари Шӯрои ҳизби халқии Аврупо, ҳамзамон роҳбари Гурӯҳи дӯстии Парлумони Аврупо ва Тоҷикистон Херберт Дофман таҷрибаи Тоҷикистонро дар барқарор намудани сулҳ ва расидан ба ризоияти миллӣ таҳти ҳимояи СММ муҳим арзёбӣ намуда, гуфтааст, ки дар бартараф сохтани мунокишаҳои миллӣ дар дунё метавон аз он ба сифати намуна истифода бурд.

**Аъзам МУСОЕВ,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон,**
**ходими илмии МД**
**"Пажӯҳишгоҳи меҳнат,**
**муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"**

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ: 236-96-02**

# ОҒОЗИ МАВСИМИ ҚАБУЛ ДАР «РОМИТ»

**Муассисаи давлатии “Истироҳатгоҳи коргарчавонони “Ромит”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзеъҳои зебову хушманзараи як гӯшаи диёр буда, рӯз то рӯз ободу сарсабз ва барои истироҳату фароғати наврасон дилфаро мегардад. Ин аст, ки ҳамасола дар ду-се баст хонандагони муассисаҳои таълими ибтидои касбӣ, фарзандони кормандони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ниёзмандон ва дигар муҳассилин ба истироҳату фароғат фаро гирифта мешаванд.**

Ба наздикӣ, дар доираи барномаи қабули истироҳаткунандагон ба фароғат, рӯзи 15 июни соли 2023 бо иштироки масъулони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва волидайни хонандагон маросими кушодашавии муассисаи истироҳатгоҳи коргарҷавонони «Ромит» ҷараён гирифт. Дар басти аввал 229 нафар толибилмон ба он ҷалб карда шуданд.



Бояд тавзеҳ дод, ки хатсайри Душанбе – Муассисаи давлатии “Истироҳатгоҳи коргарҷавонони “Ромит”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 47 км-ро дарбар мегирад. Ин макон барои фароғати наврасон ҳамасола омода шуда, онҳо зимни истироҳат дар ин гӯшаи биҳиштосои Тоҷикистон вақти худро хушу хотирмон мегузаронанд. Ҳуҷраҳои барҳаво ҷиҳати истироҳати наврасон бо тамоми шароити лозима муҳайё буда, аз китобхонае, ки дорои адабиёти гуногуни бадеист, таври васеъ истифода бурда метавонанд. Дар инҷо наврасон мувофиқи барнома ба бозиҳои гуногуни варзишӣ ва фароғатӣ машғул мегарданд. Дар асоси нақша барномаҳои консертӣ, нишастҳои суолу ҷавоб, викторинаҳо ва дигар бозиҳои шавқовар ташкил менамоянд. «Ромит» дар як вақт метавонад беш аз 250 нафарро ба фароғату истироҳат фаро гирад.

Ҳамзамон, пешхидматони ошхонаи барҳавое, ки бо таъмини 4 вақт хӯроки гарм ба наврасон хидмат мерасонанд, ҳамеша талош меварзанд, ки ба руҳу равони истироҳаткунандагон қуввату неруи тоза эҳдо намоянд ва онҳоро бо таому меваҷоти тару тоза ва лаззатбахш таъмин созанд.

Дар инҷо назорати солимии истироҳаткунандагон дар мадди аввали назар қарор дошта, мутахассисони соҳаи тандурустӣ пайваста аз ҳолати саломатии онҳо бохабар мешаванд.

Истироҳатгоҳ ҳавзҳои шиноварӣ низ дорад, ки наврасон зери назорати устодону мураббиён аз онҳо истифода намуда, маҳорати шиноварии худро сайқал медиҳанд.

Майдончаҳои варзишӣ барои машғул шудани наврасон ба намудҳои футбол, волейбол, тенниси рӯйи миз ва дигар намудҳо бо шароити хуб омода мебошанд. Барои барпо намудани мусобиқаҳои шашкаву шоҳмот хиргоҳҳои алоҳида ҷудо гаштааст.

Бад-ин минвол, фароғату истироҳати наврасон дар ин макони афсонавӣ хушу гуворо ва фаромӯшнопасир пушти сар хоҳад шуд ва то дер аз ёдҳо нахоҳад рафт.

**Хабарнигори мо**

# ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИИ МАН

**Ҳангоми қабул ба кор Корфармо аз корманд ҳуқуқи талаби кадом ҳуҷҷатҳоро дорад?**



Мутобиқи моддаи 26 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба кор дохил шудан ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:

- шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (шаҳодатномаи таваллуд барои шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд);
- дафтарчаи меҳнатӣ ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи фаъолияти меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳои бори аввал ба кор дохил гардидан);
- гувоҳномаи иқомат ва ё шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд (барои шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунад) ё шаҳодатномаи шахси гуреза;
- ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, дониши махсус, дараҷа, ихтисос ё касб барои бастани шартномаи меҳнатӣ дар корҳое, ки тибқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дониш, малака ва маҳорати дахлдор зарур мебошанд;
- барои уҳдадорони ҳарбӣ - билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи бақайдгирӣ;
- ҳуҷҷати аз муоинаи тиббии пешакӣ гузаштан (барои шахсоне, ки тибқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд аз чунин муоина гузаранд);
- нусхаи гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ;
- маълумотнома оид ба доштан ва ё надоштани доғи судӣ ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ дар корҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди чунин маълумот зарур аст. Масалан, барои омӯзгорон ва ё роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳангоми талаби маълумотномаи доғи судӣ (доштани муҷозот бо сабаби авбошӣ, доштани доғи судӣ бо сабаби содир кардани рафтори бадахлоқона), агар доғи судӣ дошта бошад, метавонад асос барои ба кор қабул накардан гардад.

Корфармо ҳуқуқ надорад, аз шахси ба кор қабулшаванда дигар ҳуҷҷатро талаб кунад, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ин ҷода мисол шуда метавонад, талаботи моддаи 228 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми дар дигар ташкилот ба кори вазнин ё кор дар шароити барои саломатӣ зарарноку хатарнок қабул намудан бо тартиби дар ду (якчанд) ҷой кор кардан. Дар ин маврид корманд уҳдадор аст, ки дар бораи хусусият ва шароити меҳнат дар ҷойи кори асосӣ маълумот пешниҳод намояд. Ва ё тибқи моддаи 231 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бо дигар корфармо бастани шартномаи меҳнатӣ оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан илова ба ҳуҷҷатҳои пешбиникардаи моддаи 26 Кодекси мазкур корманд маълумотнома дар бораи хусусият ва шароити меҳнати ҷойи кори асосӣ (ҷойи кор, вазифа (мансаб), шароити меҳнат) пешниҳод мекунад.

Мутобиқи моддаи 244 ба корҳои бо усули вахтавӣ иҷрошаванда, кормандоне, ки ба синни 18 нарасидаанд, занони ҳомиладор, маъюбони гурӯҳи I ва II иҷозат дода намешаванд. Дигар кормандон метавонанд ба корҳои хусусияти вахтавидошта ҷалб карда шаванд, агар чунин корҳо ба онҳо дар асоси хулосаи тиббӣ манъ карда нашуда бошанд. Дар ин ҳолат аз маъюбони гурӯҳи III хулосаи тиббӣ талаб карда мешавад.

Ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ талаби маълумот оид ба надоштани душаҳрвандӣ ва ё талаби баёноти надоштани душаҳрвандӣ ва ғайра. Мутобиқи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” корманд агар шаҳрвандии давлати дигарро дошта бошад, дар хизмати давлатӣ фаъолият карда наметавонад ва мақомоти кадрӣ ин маълумотро талаб мекунад.

Ва ё тибқи банди 5 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванде, ки ба хизмати давлатӣ қабул шудааст, бояд дар муҳлати на дертар аз понздаҳ рӯз баъди ба хизмати давлатӣ дохил шудан ҳиссаи дар сармояи оинномавии (шариконаи) ташкилотҳои тиҷоратӣ доштаашро ба шахси дигар бо ҳуқуқи идораи ба боварӣ асосёфта манзур намояд. Яъне пас аз ба хизмати давлатӣ дохил шудан, аз ҷониби корфармо метавонад ин маълумот талаб карда шавад.

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

МД «Маркази таълими калонсолон»: 250-35-42, 250-35-44

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# РӮЗГОРИ ОБОД ВА МАРДУМОНИ ДИЛШОД

**(Гузориши муфассал аз ҷараёни сафари Гурӯҳи кории Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон)**

**Ноҳияи Қубодиён рӯз аз рӯз ободу зебо мегардад. Мардуми шарафманди ноҳия мекӯшад барои сазовор истиқбол гирифани ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои созандагиву бунёдкориро боз ҳам тақвият бахшида, дар ободу зебо гардонидани диёри худ саҳми босазо гузорад.**



Дар партави иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафари кории намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон аз шиносоӣ бо ҷараёни корҳои ободониву созандагӣ, фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, вазъи корҳои кишоварзӣ, аз ҷумла истифодаи самараноки заминҳо, кишти такрорӣ, таъмини оби нӯшокӣ ва полизӣ, ҷамъоварии ҳосил, захираи маҳсулоти ғизоӣ барои рӯзгори мардум оғоз шуда, фаъолияти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи ноҳия мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтанд.

Зимни сафари кории худ Гулнора Ҳасанзода ҳамроҳ бо намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ аз хоҷагиҳои деҳқонии ҳудуди ноҳия дидан намуда, ба корҳои кишоварзӣ аз наздик шинос шуд.

Маврид ба таъкид аст, ки иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба самаранок истифода бурдани ҳар ваҷаб замин, барои таъмини аҳолии кишвар бо маводи хӯроквории тавассути афзоиши мунтазам ва устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ, инчунин ҳифзи захираҳои табиӣ мусоидат менамояд.

Дар зимн гуфтан ба маврид аст, боду ҳаво ва иқлими ноҳия имкони истифодаи заминҳоро бо гирифтани зиёда аз 2 ҳосил доро буда, имрӯз дар аксари майдони ғалладона ва картошка баъди ҳосили якум кишти такрорӣ ҷараён мегирад. Ин усули манфиатбахш дар хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоатҳои деҳоти Заркамар, Утақара Назаров, Ишмурод Ниёзов, 20-солагии Истиқлолият, Носири Хусрав, Тахти сангин ва Навобод, ки деҳқонон ба ҷамъоварии ҳосил ва кишти такрорӣ машғул буданд, равшан ба назар расид.

Инчунин, зимни шиносоӣ роҳбари гурӯҳи корӣ аз истифодаи заминҳои наздиҳавлигӣ дидан намуда, бовар ҳосил кард, ки сокинони заҳматпешаи ноҳия аз онҳо самаранок истифода намуда, дар баробари картошкаву пиёз, пунбаи пахта низ кишт намудаанд, ки ин таҷриба бесобиқа мебошад.

Бо мақсади ба танзим даровардани нархи маҳсулот ва дастрасии шаҳрвандон бо сабзавот дар дилхоҳ фасли сол бунёди гармхонаҳо дар ҳудуди ноҳия майли афзудан дорад. Бо ин ният кишоварзону сокинон аз ду навъи гармхона - доимоамал ва мавсимӣ самаранок истифода мебаранд ва ҳатто дар заминҳои назди ҳавлигиашон онҳоро ташкил намудаанд, ки ин боиси фаровонии бозорӣ истеъмолӣ мегардад.

Боздид аз фаъолияти сохторҳои соҳаи маориф, тандурустӣ ва иҷтимоии ноҳия, шиносоӣ бо вазъи хизматрасониҳо ва дастрасии аҳолӣ ба онҳо яке аз чорабиниҳои барномаи сафар махсуб шуда, дар ин росто маълум гардид, ки дар аксари ҷамоатҳо сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ва бунёди муссисаҳои томактабӣ тибқи нақша бо маром идома дорад ва дар соли нави хониш мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт. Бояд афзуд, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ аксаран аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст ва волидайни хонандагон ҷараён доранд, ки инро метавон намунаи олии дастгирии соҳаи мактабу маориф дар ҳудуди ноҳия арзёбӣ намуд. Аз ҷумла, дар МТМУ шумораи сензадҳи ҷамоати деҳоти Заркамар, ки соли 1947 бунёд шудаву дар он 713 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ҷои нишаст нокифоя аст ва кунун бо дастгирии соҳибкорон ва волидайни хонандагон дар ҳудуди муассисаи мазкур синфхонаҳои иловагӣ бо тамоми шароити таълим сохтаву норасоии синфхонаҳо бартараф карда шудааст.

Ҳамчунин, зимни боздид вазири меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рафти сохтмони Литсейи касбии техникии ноҳияи Қубодиён шинос гардид. Фармоишгари муассисаи мазкур МД "Раёсати сохтмон ва корҳои таъмирии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" буда, корҳои сохтмонии он аз ҷониби пудрачи ҶДММ "Фаридун Д" ҷараён доранд. Масоҳати бино 1,3 гектарро ташкил дода, дар назди он сохмони бинои хобгоҳ ва майдончаи варзишӣ низ ба нақша гирифта шудааст. Тибқи лоиҳаи ангоравӣ литсейи мазкур аз ду ошёна иборат буда, синфхонаҳои замонавӣ бо муосиртарин технологияи касбомӯзӣ таъмин карда мешаванд. Мувофиқи нақша сохтмони бинои мазкур соли 2026 мавриди баҳра қарор хоҳад гирифт.

Ҳамзамон, дар ноҳия сохта ба истифода додани бинои шуъбаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ низ ба нақша гирифта шуда, айни замон барои он замин ҷудо гаштаву лоиҳаи ангоравиаш тасдиқ гардидааст, ки дар доираи сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 35- солагии Истиқлоли давлатӣ сохтмони он шуруъ мегардад.



Тавре маълум аст, соҳаи тандурустӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок маҳсуб шуда, зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Дар идомаи боздиди худ роҳбари гурӯҳи корӣ Гулнора Ҳасанзода аз бинои Маҷмааи тандурустии дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон дидан намуд. Бинои мазкур бо муосиртарин технология таъмин гаштаву мутахасисони варзидаи соҳаи тиб ин ҷо кору фаъолият намуда, ба сокинони ноҳияи Қубодиён ва гирду атрофи он хизматрасонии босифати тиббиро анҷом медиҳанд. Маҷмааи тандурустӣ 19 шуъба дошта, бо таҷҳизоти пешрафтаи тиббӣ пурра муҷаҳҳаз гардонда шудааст, ки барои ташхиси дақиқу муоличаи саривақтии беморон муҳим мебошад. Бо таъмини чунин шароити муосир акнун сокинон дар маҳалли зисти худ бо харҷи камтарин маблағ ва сарфаи вақт табобат мегиранд. Дар ҷамоати деҳоти Ишмурод Ниёзови ноҳия бошад, Гулнора Ҳасанзода аз маркази саломатӣ ва таваллудхонаи деҳаи Зиракӣ дидан намуд, ки он бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ сохта шуда, бо шароити муосир комилан таъмин мебошад.

Дар идома, бо мақсади ташкили ярмаркаҳои фурӯши маҳсулот дар бозорҳову нуқтаҳои муайян ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти арзони босифати кишоварзӣ роҳбари гурӯҳи корӣ Гулнора Ҳасанзода аз бозори маркази ноҳияи Қубодиён дидан карда, бо фурӯшгорон суҳбат орост ва ҷиҳати танзими нарху навои бозор ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Пас аз боздид ва шиносоӣ бо вазъи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия дар бинои МИҲД мулоқоти роҳбари гурӯҳи корӣ, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода бо роҳбарон ва фаъолон баргузор гардид, ки дар он ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар панҷ моҳи соли 2023 мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Гуфта шуд, ки дар панҷ моҳи соли равон нақшаи даромади буҷети маҳаллӣ таъмин гардида, сафарбаркунӣ ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз муҳлат иҷро шудааст. Бахусус ҷараёни корҳои ободонию созандагӣ дар деҳоти ноҳия сатҳу сифати нав касб намуда, аз 129 ишооти бунёдшавандаи бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 56 иншоот ё 43,4 фоиз мавриди истифода қарор дода шудааст, ки ин нишондоди назаррас мебошад.

Зимни суханронӣ Гулнора Ҳасанзода аз роҳбарону фаъолони ноҳияи Қубодиён даъват ба амал овард, ки бо дарки баланди ҳисси миллӣ ва ҳувияти ватандорӣ беш аз пеш ба хушёриву зиракӣ ва роҳандозии тадбирҳои муассир дар ҳамбастагиву ягонагӣ баҳри таъмини сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ ва созандагию ободкорӣ дар партави ҳидояҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кору фаъолият намоем.

Лозим ба ёдоварист, ки вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода зимни боздид аз ҳар иншооти ҷашнӣ бо сокинон ва кормандон мулоқоти гарм анҷом дода, онҳоро ба ободкорию созандагӣ ва саҳмгузорӣ барои истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳидоят намуд.

**Ф. ФАЙЗУЛЛОЕВ**




**МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа»: 221-40-15**

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БОРАИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Ваҳдати миллии тоҷикон ганҷи бебаҳоест, ки бо ранҷу машаққати зиёд, гузашта аз ин, дар натиҷаи ҷонбозиву қурбониҳои ҳазорон нафар фарзандони фидоии миллат ба даст омадааст. Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ки барои татбиқи ғояҳои миллӣ ва тавсеаи тафаккури давлатдории миллатамон, ки асоси пешрафти Тоҷикистони азиз мебошанд, сарҷамъона кору фаъолият намоем.

***

Ваҳдати миллӣ барои мо дастоварди ниҳоят пурарзиш, шарти асосии некуаҳволии халқамон ва таҳкурсии боэътимоди пешрафту ободии ватани маҳбубамон мебошад. Ба гузашти солҳо мо амиқан дарк кардем, ки ваҳдати миллӣ омили муҳимтарини рушди ҷомеа, шарти асосии пешрафти иқтисод ва иҷтимоиёти фарҳанги мардуми мо ба ҳисоб меравад. Ҳоло Тоҷикистони азизи мо дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба сӯи фардои боз ҳам ободу осуда қадамҳои устувор мегузорад.

***

Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк карданд, ки амалӣ гардидани ҳамаи омолу орзу ва нақшаву ниятҳои ҳар фарди ҷомеа, пешрафту тараққиёти давлат ва ободии Ватан маҳз бо сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ вобаста мебошад.

**Гирдоварии Т. ПИРОВ**

## МО ФАРЗАНДОНИ ЯК МОДАРЕМ!



Ҳамасола, 27-уми июн, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҷашн гирифта мешавад. Иди Ваҳдати миллӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, № 753 “Дар бораи рӯзҳои ид” таҷлил мегардад. Ин Рӯзи муқаддас гувоҳи муттаҳидии ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Маҳз рӯзи 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав дар нуҳумин гуфтушуниди сулҳ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини Тоҷикистон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ-ро ба имзо расониданд. Ин ҳуҷҷати муҳим ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшид ва ба ҷумҳурӣ сулҳу субот овард, миллионҳо шаҳрвандони гурезаро ба Ватан баргардонд.

Ҷашни Ваҳдати миллиро на танҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми кишварҳое, ки дар он ҷо тоҷикон зиндагӣ ба сар мебаранд, таҷлил менамоянд. Аз ҷумла, сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Русия ҳар сол чорабиниҳои ҷашниро дар Маскав доир мекунад, ки дар он ҷо дипломатҳо, олимон, намояндагони ҷамъиятӣ ва зиёиён даъват карда мешаванд.

Мо бояд пурра дарк намоем, ки халқи тоҷик баъди зиёда аз ҳазор сол аз нав соҳиби давлати мустақили миллӣ гардидааст. Барои миллат ин бахти нодир воқеаи хеле бузургу фараҳбахш ва боиси сарфарозист. Зеро маҳз дар солҳои соҳибистиқлолӣ халқи тоҷик ба дастовардҳои беназир ноил гардид.

Бинобар ин, ҳоло ки Тоҷикистонро ҷомеаи ҷаҳонӣ чун кишвари озод эътироф кардааст, мо бояд мисли ангуштҳои як даст, шохобҳои як рӯд, гулҳои як боғ ва фарзандони як модар амал намуда, дар эъмори давлати воқеии дунявӣ саҳм бигузорем ва танҳо ба номи миллати шарифамон ифтихор кунем. Қисмат кардани Тоҷикистон қисмат кардани модар аст. Мо, тоҷикон, ки яке аз рукнҳои тамаддуни ҷаҳонӣ ҳастем, бояд таърихи халқи худро воқеъбинона ва беғаразона омӯзем ва ба маҳому манзалати халқи тоҷикро дар арсаи байналхалқӣ боз ҳам боло бардорем.

**А.Қ. ИСОЕВ, сармутахассиси Раёсати ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳои ВММША ҶТ**

## ИШТИРОК ДАР "РӮЗИ ФАРҲАНГИ ТОҶИК"



Консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Екатеринбург Зафар Саидзода ва президенти Ташкилоти минтақавии ҷамъиятии вилояти Свердловск - "Диаспораи тоҷикон "Дидор"" Мастбегим Ошурбекова дар бинои таълимии рақами 2-и Коллеҷи тиббии вилояти Свердловск дар доираи Фестивали фарҳангҳои миллӣ таҳти шиори «Мо якҷоем!» дар чорабиниҳои «Рӯзи фарҳанги тоҷик» иштирок намуданд.

Дипломати тоҷик ва роҳбари Созмони диаспораи маҳаллии тоҷик бо шароити раванди таълиму тарбия дар ин муассисаи таълимӣ ошно шуда, масоили ҳамкориро бо роҳбарияти он баррасӣ намуд ва аз Намоишгоҳи фарҳанги тоҷик, ки аз ҷониби донишҷӯён - зодагони Тоҷикистон омода шуда буд, дидан карда, онро шарҳу тавзеҳ доданд. Онҳо дар маросими ифтитоҳи «Рӯзи фарҳанги тоҷик» суханрониҳои шодбош намуда, ба директори Коллеҷи тиббии вилояти Свердловск Ирина Левина, ки дар минтақаи Урал ва тамоми Россия маъруфу маҳбуб аст, "Ифтихорнома" ва "Сипоснома" супурданд.

Қисмати фарҳангию бадеии чорабинӣ бо иштироки донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар сатҳи баланд баргузор шуда, хеле пурмуҳтаво ва хотирмон буд, ки он бо шодмонию саногӯйии аҳли толор истиқбол гирифта шуд.

Бояд хотиррасон намуд, ки ҷашнвораро Коллеҷи тиббии вилояти Свердловск ва Маркази захиравии ҳамкории байнимиллии "Евразия"" созмон доданд. Ба ин чорабинӣ коршиносони Пружаи умумироссиягии «Вожаҷӯ: стратегия дар амал» низ даъват шуда буданд. Ҳадаф аз баргузории чорабинии мазкур мусоидат ба ташаккули ҷаҳонбинии солими том ва ҳувияти шаҳрвандии умумироссиягӣ дар миёни ҷавонон, беҳсозии муносибатҳои байнимиллӣ дар байни онон, тарбияи эҳтиром нисбат ба фарҳангу анъанаҳои миллӣ, фароҳам овардани шароит барои мубодилаи байнифарҳангӣ, бакорӣ, рушду густариш ва тарғиби мероси миллии суннатии фарҳангии мардуми сокини Урали Миёна мебошад.

Бояд гуфт, дар Коллеҷи тиббии вилояти Сверловск 15 ҳазор нафар омӯзгорону донишҷӯён кору таҳсил мекунанд ва дар он 13 бахшу филиал муваффақона фаъолият доранд. Дар ин Коллеҷ айни ҳол зиёда аз 300 нафар зодагони Тоҷикистон таҳсил мекунанд, ки аз онҳо 200 нафарашон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

## УЧАСТИЕ В ФЕСТИВАЛЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ КУЛЬТУР

12 июня 2023 года, в праздничный "День России", Генеральный консул Республики Таджикистан в городе Екатеринбурге Зафар Сайидзода и представитель Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан в Уральском регионе Бехруз Халиков посетили посёлок "Светлый" Сысертского района, Свердловской области Российской Федерации, где в культурно-досуговом комплексе "Виктория" приняли активное участие в шестом открытом Фестивале национальных культур "Национальная мозаика".

Фестиваль был посвящён единению народов России, в том числе таджиков и таджикистанцев, проживающих на территории Арамильского городского округа, а также популяризации национальной самобытности, традиций и культуры народов Среднего Урала. На Фестивале работали национальные подворья, в том числе таджикское национальное подворье, которое получило одно из самых высоких конкурсных оценок фестивального жюри. Таджикское национальное подворье-при содействии консульского учреждения-организовали первый заместитель председателя окружного Общественного совета при Генеральном консульстве Республики Таджикистан в городе Екатеринбурге Якубжан Умаров, члены упомянутого окружного Общественного Совета Ахлиддин Саидов и Алишер Рахимов.

Таджикское национальное подворье стало первым среди национальных подворий Фестиваля, которое посетила глава Арамильского городского округа Свердловской области Российской Федерации Марина Мишарина. Она высоко отозвалось о таджикском национальном подворье, обменялась мнениями и конструктивными предложениями о сотрудничестве на ближайшую перспективу с Генеральным консулом Республики Таджикистан в городе Екатеринбурге Зафаром Сайидзода.

Фестиваль торжественно открыла глава Арамильского городского округа Марина Мишарина. На торжественном открытии Фестиваля с приветственно-поздравительным словом выступили советник заместителя Губернатора Свердловской области Российской Федерации Илья Захаров, Генеральный консул Республики Таджикистан в городе Екатеринбурге Зафар Сайидзода, видные политические, общественные и религиозные деятели Среднего Урала.

В рамках Фестиваля состоялись конкурсы национальных подворий и самодеятельного народного творчества, массовые национальные игры, спортивные состязания, концертная программа под названием " С любовью к России!".

**Фарход МИРДЖАМОЛОВ, корреспондент «Занятость и миграция» в РФ**

МД «Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ»: 225-05-75, 225-02-21

# БОРИ ДИГАР ДАР БОРАИ ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМ

**Ташкилоти террористӣ ва экстремистии Ҳизби наҳзати исломӣ аз рӯзи аввали пайдоиши худ бо суйистифода аз эътиқоди динии сокинони Тоҷикистон ғояҳои таъсиррасониро мавриди корбаст қарор додааст. Аслан ТЭТ ҲНИ лоиҳаи кишварҳои хориҷӣ буда, мақсадаш ташкили давлати идеологии теократӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ба ҳисоб меравад. Саркардагон ва хоҷагони хориҷии он ҳанӯз аз солҳои 80-ум ба ин кор даст зада, ячейкаҳои худро ташкил намуданд. Муфассал дар ҳамин хусус.**

ТЭТ ҲНИ аз усули террор ба таври васеъ истифода менамуд. 4-уми декабри соли 1991 дар хориҷи мамлакат таъсис ёфт ва дар Тоҷикистон фаъолияташро оғоз намуд. Яъне дар ҳамон давра гурӯҳе бо истифода аз ҳуқуқҳои конститутсионии хеш муттаҳид шуданд ва ҳизби сиёсӣ ташкил намуданд. Охири соли 1992 ТЭТ ҲНИ қаноти ҷангии худро бо номи "Ситоди наҷоти ватан" таъсис дод. Ҳадафи ниҳоди мазкур куштори ходимони сиёсию ҷамъиятӣ, олимон, шоирону нависандагон, рӯзноманигорон, умуман равшанфикрону ашхоси содиқ ба ватан ба ҳисоб мерафт. 27 июни солии1992 гурӯҳҳои мусаллаҳи ТЭТ ҲНИ дар ҳудуди совхози Туркманстони ноҳияи Вахш бо ташкили зиндони ғайриқонунӣ 21 сокини ноҳияро ба таври ваҳшиёна азоб дода, ба қатл расониданд.

Қатъи назар аз ин дар ҳошияи имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон тибқи қарори раёсати Суди Олӣ аз 12 августи соли 1999 фаъолияти ҲНИ дар ҷумҳурӣ аз нав иҷозат ва 28 сентябри солии1999 дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шуд. Ҳизб мебоист тибқи Оинномааш ба ҳифзи истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони якпорчагӣ ва тамомияти арзии мамлакат, ваҳдати миллӣ ва ҳамзисии бародаронаи халқҳои Тоҷикистон мусоидат мекард. Вале роҳбарият ва аъзои фаъоли он даст ба ҷиноятҳои махсусан вазнин зада, боиси ноором гаштани ҳаёти осудаи сокинони мамлакат ва хатари ҷиддӣ ба амнияти миллӣ гаштанд. Оид ба бартараф намудани қонуншиканиҳо дар фаъолият давоми солҳои 2014 ва 2015 аз ҷониби Вазорати адлия чандин маротиба огоҳномаҳо ирсол шуданд, вале ҲНИ иҷро накард.

Тибқи маълумот дар давоми панҷ соли охири фаъолият 45 аъзои ТТЭ ҲНИ ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир намуда, нисбаташон қарорҳои судӣ қабул шуданд. 17 нафари онҳо бинобар даст доштан дар ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористӣдошта, аз қабили ташкили иттиҳодияи экстремистӣ, даъватҳои оммавӣ барои ба роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд.

Муайян гардид, ки мақсади асосии ҳизби наҳзати исломӣ сарнагун намудани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикисон ва халалдор намудани амнияти давлатӣ мебошад. Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда ва садҳо ҷинояти дигар 28 сентябри соли 2015 Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикисон аризаи Прократураи генералиро қонеъ карда, ҳизби наҳзати исломро ҳамчун ташкилоти ифротгарои экстремистӣ-террористӣ эътироф намуд ва фаъолияти онро қатъ намуд.

Соли 2017 ҲНИ ба феҳристи ташкилоти террористии Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва ба "феҳристи ташкилотҳои экстремистӣ–террористии кишварҳои узви СААД " таҳти рақами 65 шомил шуд. Ба ин феҳрист ташкилоти террористии байналмилалӣ, аз қабили "Ал-қоида", "Давлати исломӣ", "Ихвон-ул-муслимин", "Ансоруллоҳ " низ шомиланд.

Баъди ҷанги шаҳрвандӣ 19-уми сентябри соли 2010 гурӯҳи силоҳбадастони он дар ҳудуди дараи Камароби минтақаи Рашт ба қатори мошинҳои сарбозони ВМ ҶТ ҳамла намуда, 28 нафар сарбозу афсарро ба қатл расонида, 14-нафари дигарро захмӣ карданд. 4-уми сентябри соли 2015 ТТЭ ҲНИ нақшаи исёни мусаллаҳона ва кӯшиши ғасби ҳокимиятро бо таври зӯроварӣ амалӣ намуд. Гурӯҳи террористони ҳизби мазкур таҳти роҳбарии собиқ муовини вазири мудофиа Абдуҳалим Назарзода 664 автомат, 100 тапонча, 14 милтиқи мерганӣ, 4 гулулаандоз ва беш аз 64-ҳазор тирро бо истифода аз мақоми хизматӣ тасарруф намуда, нақши ғасби бинову иншооти стратегиро доштанд.

Ба назардошти амалкарди ТЭТ ҲНИ 4-уми сентябри соли 2022 Суди Олии Федератсияи Россия аризаи прокурори генералии Федератсияи Россияро қонеъ карда, дар қаламрави Россия фаъолияти онро манъ кард.

Ҳама шоҳидем, ки борҳо Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ибораи "ҳушёрии сиёсӣ"-ро гӯшрас намудаанд. Ногузир аст, ки мо бояд ин таъкидро ҳар лаҳза амиқан дарк намоем. Дар ҳасрати сулҳу субот зистани мардуми Афғонистон, Ироқ, Сурия ва амсоли он беҳтарин сабақ барои мост. Ҳушёр будан ва нагаравидан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ осудагии худи мо ва аҳли ҷомеа мебошад, ки бояд онро ҳамеша риоя намоем.

**Файзулло ҚУРБОНОВ,**
**Саврибегим ГУЛМИРЗОЕВА.**
**омӯзгорони Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе**

# АМАЛИ ДАСТҶАМЪИИ СЕГОНА



Бо назардошти он ки коррупсия зуҳуроти басе фоҷеабор барои кулли ҷомеа, махсусан давлату давлатдорӣ мебошад ва коршиносон онро ҳамчун амали ба манфиати шахсӣ истифода бурдани мақоми хизматӣ маънидод менамоянд, муқовимат ба чунин фасод кори аҳлона ва дастҷамъона маҳсуб мешавад.

Имрӯз, ки пешорӯйи аҳли башар хатарҳои глобалӣ, аз қабили терроризму экстремизм қарор доранд, паҳншавии батадриҷи зуҳуроти коррупсионӣ низ ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, посухи аҳли ҷомеа бояд амали дастҷамъона бошад. Кори дастҷамъонаи сегона: мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як шаҳрванд метавонад сатҳи коррупсияро ба таври назаррас коҳиш диҳад.

Маҳз бо дастуру супоришҳои бевоситаи Сарвари хирадманду дурандеши давлат Пешвои миллат заминаҳои устувори қонунгузории амали дастҷамъонаи давлату аҳли ҷомеа дар самти муқовимат ба коррупсия дар ҷумҳурӣ гузошта шудаанд. Айни замон амалисозии "Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи мазкур барои марҳалаи якум (солҳои 2021-2025) бо маром идома дорад.

Бинобар муқаррароти Стратегия бояд коркарди роҳу усулҳои муосири баланд бардоштани масъулияти шахсии роҳбарони тамоми вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои дигар, дар маҷмуъ, ҳамаи субъектҳои муқовимат ба коррупсия роҳандозӣ гардида, барои коҳиш додани содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ тамоми чораҳои пешгирикунанда андешида шавад.

Махсусан, муқовимат ба коррупсия дар соҳаҳои хизмати давлатӣ, маорифу тандурустӣ, андозу гумрук, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва соҳаҳои дигаре, ки фаъолияташон аз нигоҳи коррупсия осебпазир маҳсуб меёбанд, бояд тақвият бахшида шавад.

Ҷойи таъкиди махсус аст, ки Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия тадбирҳои зиддикоррупсиониро комилан муайян кардааст.

Дар моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" бошад, принсипҳои асосии мубориза бар зидди коррупсия маълум шудааст, ки комилан донистани онҳо аз манфиат холӣ нест:

Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии муқовимат ба коррупсия, ин таъмини кафолати ҳуқуқии шаҳрвандон маҳсуб мешавад. Дар ин радиф вазифаи мо, роҳбарони мақомоте, ки бевосита барои баланд бардоштани сатҳи самаранокии корҳо дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва дастгирии шаҳрвандони бекоре, ки ба кумаки иҷтимоӣ ниёзманданд, масъулем, то дар ҷодаи решакан кардани зуҳуроти номатлуби ҷомеа – коррупсия саҳми шоиста дошта бошем.

Боиси қаноатмандист, ки роҳбарият ва ҳайати кормандони шуъба бе ягон тамаъҷӯӣ ва қонуншиканӣ, бо мақсади коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва мусоидат намудан ба корҷӯён дар интихоби кори мувофиқ ва ба корфармоён дар дарёфт намудани кормандони ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат, махсусан ба иҷрои пурра ва саривақтии муқарраароти қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои аз ҷониби корфармоён пешниҳод намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани ҷойҳои кории ишғолнагардида ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ» ва «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ», инчунин иҷрои қарори Раиси шаҳри Душанбе «Дар бораи баргузор намудани ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод дар шаҳри Душанбе» эътибори ҷиддӣ дода, мутобиқи нақша ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озодро дар ноҳия баргузор менамояд. То ин муддат дар ярмаркаҳо зиёда аз 24 ташкилоту муассисаҳо иштирок намуда, аз ҷониби онҳо қариб 400 ҷойҳои кории холӣ пешниҳод карда шуд ва тавассути ин чорабиниҳо 150 нафар корҷӯён бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардид.

Бо истифода аз фурсати муносиб ба роҳбарони мақомоти маҳаллӣ ва ташкилоту муассисаҳо муроҷиат намуда, мегӯям:

- Биёед, дар роҳи ободии кишвари азизамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол ба амалҳои ғайриқонунӣ даст назанем! Зеро самараи фаъолияти роҳбари ҳалолкор ба нафъи ҳамагон ва ободии имрӯзу фардои Ватани азиз аст!

**С.Ҳ. ИБРОҲИМЗОДА,**
**сардори шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Шоҳмансур**

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд: 834-22-6-51-99**

# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ЛИТСЕЙИ КАСБИИ ХИЗМАТ ВА ТУРИЗМИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ»

**қабули ҷавононро аз рӯйи ихтисосҳои зерин эълон менамояд.**

**Дар заминаи маълумоти умумии асосӣ (бо гирифтани маълумоти миёна, муҳлати таҳсил 2 сол):**

Ошпаз-қаннод, ошпази таомҳои хориҷӣ; туроператор, турагент, роҳбалад; системаи компютерӣ ва интернет-технология; хазинадор-назоратчӣ; ҳисобдор (бо донистани компютер); фурӯшандаи маводи ғайрихӯрок; фурӯшанда-ташкилотчӣ.

**Дар заминаи маълумоти умумии миёна(муҳлати таҳсил 1 сол):**

Ошпази таомҳои хориҷӣ; хазинадор-назоратчӣ; системаи компютерӣ ва интернет-технология; туроператор, турагент; ҳисобдор (бо донистани компютер).

**Ба курсҳои кӯтоҳмуддат (муҳлати таҳсил - 3 моҳ)**

Пешхизмати меҳмонхона; бармен, ошпаз, қаннод; барандаи экскурсия; хазинадор-назоратчӣ; фурӯшанда, пешхизмат; туроператор, турагент, роҳбалад; кӯҳнавард, омӯзиши компютер....

**Барои дохилшавӣ ҳуҷҷатҳои зерин лозиманд:**

1. Ариза ба номи директор.
2. Шаҳодатнома оид ба маълумоти асосӣ (синфи 9).
номаи камол (синфи 11).
3. Сурат 3х4=4 дона.
4. Маълумотномаи тиббӣ № 086/у.
5. Шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд (нусха).
6. Маълумотнома аз ҷойи истиқомат.
7. Гувоҳномаи ба қайдгирии уҳдадории ҳарбӣ (нусха).
8. Тавсифнома.
9. Папка-файл.

**Ба литсей духтарон ва писарбачагоне, ки аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба литсей қабул мегарданд, бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд.**

**Қабули ҳуҷҷатҳо:** аз 01 июн то 20 августи соли 2023, оғози таҳсил 1-уми сентябр.

**Нишонӣ:** ш.Душанбе, кӯчаи Дӯстии халқҳо 94, телефонхо: 227-63-03, 907884277

**Наклиёт:** Микроавтобусҳои №1, 2, 11, 18, 20,25,37 (собиқ бинои донишкадаи иқтисодӣ).

**Комиссияи қабул**




**Эълон!**

**Нашрияи "Шуғл ва муҳоҷират" ба маълумоти хонандагон мерасонад:**

Нафаре, ки аввалин шуда ҷавоби сканвордро дуруст пур карда, ба нашрия мерасонад, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешавад.

Почтаи электронии мо - **Rrohnamo@mail.ru**; +992 93-483-36-36




Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон: 8-3222-2-38-08

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

**КӮЛҲОИ АЛОВУДДИН - МИНТАҚАИ САЙЁҲӢ ВА ОЯНДАДОРИ ТОҶИКИСТОН**



# ҚАҲРАМОНРО ҚАДРДОНӢ КАРДАНД

Ҷавони қаҳрамон аз вилояти Хатлонро Россотрудничество дар Тоҷикистон ба ҷоизаи ифтихорӣ пешбарӣ кард, ки маросими мукофотсупорӣ дар Маскав баргузор шуд.

Дар маросими эътои Ибтикори умумирусиягии ҷамъиятию давлатии байналмилалии “Дили гарм” як ҷавони тоҷик барои начоти кӯдак мукофотонида шуд.

Зафар Умарзодаи 16-сола аз Бохтар, ки баҳори соли 2022 кӯдаки ғарқшударо начот дод, барандаи ҷоиза гардид, хабар медиҳад, дафтари матбуотии Россотрудничество.

Медали барои корнамоиро ба Зафар муовини аввали вазири маорифи Русия Александр Бугаев ва муовини сардори Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Русия Алексей Серко супурданд.

Қаҳрамон ба намояндагони "Хонаи русҳо" дар Душанбе нақл кард, ки Маскав ба ӯ хеле писанд омад, чунки барнома пур аз экскурсия ва вохӯриҳо буд.

Вақте аз ӯ пурсиданд, ки оё худро қаҳрамон меҳисобад, табассум кард: "Вақте ки медалро супурданд, каме эҳсос кардам".

Қобили зикр аст, ки ҷоизаи “Дили гарм” ба ҷавонони то 23-сола, ки шаҳрвандии фаъол нишон дода, фидокорона ба кумаки мардум мешитобанд, дода мешавад.

Манбаъ: sputnik.tj

**Аминҷон ШУКӮҲӢ**

## ДУБАЙТӢ

Ба ту наздику беҳад дурам имрӯз,
Саҳар маҳруми рӯи нурам имрӯз.
Сари хам меравам, обилапоям,
Ба мисли хӯшаи ангурам имрӯз.

***

Ба ман он чашми бозат бозие дошт,
Шаб аз мӯи ту худпардозие дошт.
Сафи мижгони бераҳмат диламро,
Нишон бигрифта тирандозие дошт.

***

Чи мешуд ин ки шогирди ту бошам,
Саҳар то шом дар гирди ту бошам.
Агар оташ задан хоҳӣ ба ҷонам,
Худи ман тори гӯгирди ту бошам.

# НАХУСТИНУ АВВАЛИН

Нахустин мусалмоне, ки тавонист бомбаи атомӣ созад, Абдулқодир Хон аст.

***

Духазору панҷсад сол пеш аз ин нахустин бор дар ҷаҳон почта бо номи “Чопор” арзи вуҷуд пайдо кард.

***

Нахустин президентзан Мария Эста Мартинес де Перон аз Аргентина мебошад.

***

Афлотун таъсисдиҳандаи нахустин донишгоҳ дар Ғарб буд.

***

Абурайҳон Берунӣ аввалин шахсе буд, ки курашакл будани заминро собит намуд ва эҳтимолияти дар атрофи меҳвари худ ва дар гирди Офтоб давр задани Заминро пеш гузошт.

***

Аввалин маротиба телефони мобилӣ 30 апрели соли 1975 рӯйи кор омад, ки асосгузори он “Мартин Купер” мебошад.

***

Аввалин беморхона бо ташаббуси Абубакри Розӣ (олими асримиёнагӣ) бо миҷозон хизматрасонӣ кардааст.

***

Аввалин зан (режессёр) дар Осиёи Марказӣ Мукаррама Қосимова буд.

***

Аввалин президенти Академияи илмҳои (ҳоло Академияи миллӣ) Тоҷикистон Садриддин Айнӣ буд.

***

Куруши Кабир соли 539 пеш аз милод аввалин Конститутсия “Эъломияи ҳуқуқи башар”-ро қабул кард.

Гирдоварии
Т. ПИРОВ


# ОБУНА – 2023

“Шуғл ва муҳоҷират” - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.
Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.


**Муассис:
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,**
вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳиматуло,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,**
сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,**
сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,**
директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Тарроҳ
**Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба ӯҳдаи муаллифон аст. Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро бар намегардонад.

**Дар нашриёти ҶДММ «Фасл-4» чоп мешавад**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тел: 93-738-22-66
98-745-00-00
98-851-81-23

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад.
Индекс 68959**

Почтаи электронии мо-
Rrohnamo@mail.ru